# Таълими достони «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар синфи 11

Мувофиқи «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI», соли нашраш Душанбе 2007 барои омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ (ё Хатлонӣ) 2 соат ҷудо шудааст, ки 1 соати онро ба таълими достони «Комде ва Мадан» ҷудо менамоем.

**Мавзӯи дарс:** «Таҳлили мазмун ва образҳои «Комде ва Мадан», муносибати он бо асари Бедил»
**Салоҳиятҳо:** - донистани мазмуни достон, таҳлили образҳои достон

**Хонанда:** - рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Хоҷӣ Ҳусайнро медонад,
- дар бораи навъҳои асосии шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн, сохту мазмуни ғазалҳои шоир маълумот дорад,
- аз эҷодиёти шоир ғазал аз ёд медонад, таҳлил карда метавонад
**Мақсадҳои дарс:** Ба хонандагон фаҳмондани мазмуни достони «Комде ва Мадан»,таҳлили образҳои достон, фарқи достони Ҳоҷӣ Ҳусайн аз достони «Комде ва Мадан» — и Бедил ва тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида доштан, босабру меҳандӯст будан.

**Маводи таълим:** Китоби дарсӣ, «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайн

**Равиши дарс:**

**1. Ташкили дарс**
**а)** Одоби муошират
**б)** Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф
**в)** Баҳисобгирии давомоти хонандагон

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ**
**а)** Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?
**б)** Ҳоҷӣ Ҳусайн саводи ибтидоиро дар куҷо гирифтааст ва пас аз он дар кадом мадрасаҳо таҳсил кардааст?
**в)** Охирҳои ҳаёти шоир чӣ хел сурат гирифтааст ва аз шоир ба мо кадом асарҳо боқӣ мондааст?
**г)** Дар ғазалиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн таъсири ашъори кадом шоирон эҳсос мешавад?

**3. Баёни мавзӯи нав**
Азбаски хонандагон дар синфи 10 аз эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ дар бораи достони «Комде ва Мадан» маълумот доранд, бо истифода аз усули салоҳиятнокӣ, яъне гузоштани саволҳои проблемавӣ мавзӯи навро оғоз менамоем. Омӯзгор саволҳои зеринро тавассути монитор ё тахтаи электронӣ ба хонандагон пешкаш мекунад.
- Дар адабиёти тоҷику форс пеш аз Ҳоҷӣ Ҳусайн кадом шоир достони « Комде ва Мадан» навиштааст?
- Достони « Комде ва Мадан » — и Бедил аз чанд байт иборат аст ва аз куҷо сарчашма мегирад?

- Қаҳрамонҳои асосии достон аз кадом табақаи ҷамъият мебошанд?
- Комде ва Мадан бо ҳамдигар чӣ гуна шинос мешаванд?
- Чаро шоҳи золим Маданро бадарға мекунад?
- Оё Комде ва Мадан дар роҳи ишқ вафодор буданд?

Вақте ки хонандагон ба саволҳои дар боло зикршуда ҷавоб медиҳанд, маълум мешавад, ки онҳо аз мазмуни достон огаҳӣ доранд. Муаллим хонандагонро таъкид мекунад, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн соли 1910 дар пайравии маснавии “Комде ва Мадан”-и Бедил достоне суруда, номи онро “Комде ва Мадан” гузоштааст. Пас аз он бори дигар мазмуни достонро такрор накарда якбора ба таҳлили образҳои асосии достон мегузарад. Образи Комде ва Мадан дар достон образҳои асосӣ мебошанд. Комде дар достон духтари соҳибҷамол ва соҳибҳунар аст. Ишқи ӯ нисбат ба Мадан поку самимӣ аст ва барои ба мақсад расидан саъю кӯшиш менамояд. Вай барои дидани Мадан ранҷи зиёд мекашад, пулу молашро дода, пинҳонӣ аз шоҳ бо Мадан мулоқот мекунад. Комде ба ҳамаи золимон ва ашхосе, ки садди роҳи ишқи покаш шудаанд, нафрату адоват дорад. Комде бидуни ба Мадан ишқи пок доштан боз маънавиёти бой дорад. Шоир дар образи Комде занони санъатвари нокомро,ки дар ҷамъият хору беҳуқуқ буданд, тасвир кардааст. Мадан дар достон чун санъаткори моҳир тасвир гардидааст. Ӯ бо меҳнати ҳалолу санъати волои худ дилҳоро тасхир карда буд ва тавассути ҳунари худ ба дарбори шоҳ роҳ ёфта, бо Комде шинос шуда буд. Мадан дар ишқ устувор аст. Ҳатто туҳфаи гаронарзиши шоҳро ба пеши пойи Комде мепартояд. Ӯ аз шоҳ тарс надошт. Барои Мадан шаддаи марворид арзиш надорад. Вай молпарасту чизпараст нест ва аз ҳама олитар барояш ишқи Комде аст. Мадан барои ба мақсад расидан саъю кӯшиш менамояд. Ба таъқиби шоҳи золим нигоҳ накарда, дар ҷустуҷӯи дарахти мурод мешавад ва пас аз ранҷу машаққати зиёд онро пайдо мекунанд. Албатта, барои ба мақсад расидан инсон бояд дар ҳар як кор саъю кӯшиш намояд, ҳиммати баланд, сидқу вафо дошта бошад. Мадан, ки дорои чунин хислатҳои наҷиб буд, ба муроду мақсад расид. Дар достон ба ғайр аз образҳои Комде ва Мадан образи ду шоҳ тасвир ёфтааст, ки аз рӯйи рафтору кирдор зидди якдигар гузошта шудаанд. Яке шоҳи золиму хунхор аст, дигаре одилу халқпарвар ва хайрандеш. Яке муқобили ишқи поки ду дилдода буда, дигаре саъю кӯшиш намуд, то ки ин ду ҷавонро ба мурод расонад. Вале ин кор ба шоҳи одил муяссар нагашт, танҳо бо роҳи муборизаю хунрезӣ шоҳи золимро мағлуб кард ва ду дилдодаро ба мақсад расонд.

**Монандӣ ва тафовути достонҳо**

Достони “Комде ва Мадан”-и Ҳоҷӣ Ҳусайн дар пайравии достони “Комде ва Мадан”- и Мирзо Абдулқодири Бедил навишта шуда, ҳарду достон ҳамном мебошанд. Инчунин, аз ҷиҳати мазмун ба якдигар монанд буда, достонҳо аз эҷодиёти даҳонакии халқи ҳинд сарчашма мегиранд. Ҳарду достон ҳам бо назм навишта шудаанд. Қаҳрамонҳои ҳарду достони ҳамном намояндагони аҳли ҳунар ва табақаи поёни ҷамъиятӣ мебошанд. Достони “Комде ва Мадан”- и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар баробари монандии мундариҷа аз достони ҳамноми Бедил тафовут дорад. “Комде ва Мадан”- и Бедил аз 770 байт иборат буда, дар дохили асари “Ирфон” омадааст , ки соли 1712 эҷод шудааст.

“Комде ва Мадан”- и Ҳоҷӣ бошад, соли 1910 эҷод шуда, чун достони алоҳида аз оғоз, 10 боб ва анҷом иборат аст.
Достони “Комде ва Мадан”- и Бедил дар баҳри хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст, достони Ҳоҷӣ бошад, дар вазни дигар, яъне ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур таълиф гардидааст Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар достони худ табиати зебои диёри Хатлонро тасвир намудааст, ки хеле таъсирбахшу диққатҷалбкунанда мебошад:

**Чу Хатлон хиттае кам офарида,**
**Ки фирдавсе ба олам офарида.**
**Насими файз бар хокаш вазида ,**
**Ғубораш, то бихезад, гул дамида .**
**Шамолаш гар бигардад, мушк резад,**
**Ҳавояш чун бихандад, атр безад...**
**Чу нархи шир ширин обшораш,**
**Лаби ширин канори ҷӯйбораш..**
**Зулолаш софии Кавсар гирифта,**
**Чу маъшуқаш замин дар бар гирифта...**

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**

Дар ин лаҳзаи дарс хонандагони синфро ба 4 гурӯҳ ҷудо карда супориш медиҳем.

Супориши гурӯҳи якум. Хонандагон бояд калимаҳои зеринро маънидод намоянд: Хатлон, хитта, фирдавс, насим, ғубор, Кавсар.

Супориши гурӯҳи дуюм. Хонандагон бояд порчае, ки аз достон дар бораи зебоиҳои табиати Хатлон дар боло зикр шуд, санъатҳои бадеияшро муайян намоянд.

Супориши гурӯҳи сеюм. Монандии достонҳои ҳамномро дар диаграмма нишон диҳед.

Супориши гурӯҳи чорум. Фарқияти достонҳои ҳамномро тавассути диаграмма нишон диҳед.




Хонандагон ба супоришҳои муаллим ҷавоби саҳеҳ медиҳанд. Омӯзгор ба воситаи ду- се ҷумла фикрашро ҷамъбаст мекунад.

**5. Супориши вазифаи хонагӣ**

Аз китоби дарсӣ саҳифаҳои 42- 44 - ро хонда, порчаеро аз достон аз ёд кунед ва дар мавзӯи “Таҳлили нақшҳои асосии достони “Комде ва Мадан”– и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ” иншои хонагӣ нависед.

**Арзёбӣ.** Омӯзгор фаъолияти хонандагонро ба назар гирифта, таҳлил карда, ба онҳо баҳои сазовор мегузорад.

**Сафаралӣ Афғонов** – омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик,
**Асомиддин Элчибеков** – ҷонишини директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон»